«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«10» 03 2020 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Раҳимзода Муъмин Сайфулло аз соли 2011 ҳамчун аспиранти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2011 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ фаъолият мекунад.

Соли 2010 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 10 марти соли 2020 №3973 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми мурофиаи ҷиноятӣ – ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ

бахшида шуда, дар доираи он вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ амалия ва дурнамои инкишофи он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст

Мавзӯи диссертатсионӣ дар марҳилаи муосири таърихӣ, хусусан дар шароите, ки ҷинояткорӣ хусусияти таҳдидкунанда ба амнияти давлат ва шаҳрвандонро касб намудааст, мубрам ба ҳисоб меравад. Муаллиф вобаста ба асоснокии мубрамияти диссертатсия қайд менамояд, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамоюли мусбии ҳамкорӣ ва ҳамзистии халқу миллатҳои гуногуни дунё буда, метавонад бо худ дар қатори ҷанбаҳои мусбӣ, ҷиҳатҳои ба маданияти мо номувофиқи тарзи зиндагӣ, мушкилоту муаммоҳоро низ интиқол диҳад. Яке аз чунин мушкилот ва муаммои тамоюли ҷаҳонишавӣ рушди олами ҷинояткории муташаккилу фаромиллӣ маҳсуб меёбад. Ҷинояткории замони муосир ҳолат ва сатҳи муташаккилиятро касб намуда, тарзу воситаҳои содиркунии он, роҳу усулҳои рӯйпӯш намудани амали ҷинояткорона, аз он ҷумла бо роҳи таҳдид ба ҷону моли иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ниҳоят мураккаб гаштааст. Вале, бо вуҷуди ҳолатҳои зиёди осебпазир шудани амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, давлат пайваста мекӯшад, ки раванди объективонаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва муҳокимаи одилонаи судиро таъмин намояд.

Муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳои мӯътамади таърихӣ бамаврид зикр менамояд, ки халқи Тоҷикистон, Ҳукумати он бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта то ба имрӯз баҳри таъмини ягонагӣ, ваҳдат, сулҳу субот, оромӣ ва зиндагии осоиштаву арзанда дар кишвар, эмин нигоҳ доштани арзишҳои инсонӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона заҳмати зиёд кашиданд. Давлат дар баробари мубориза беамон бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чун яке аз самтҳои муҳими фаъолият дониста, 28-уми августи соли 1990 ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии РССТ аз 17 августи соли 1961 тағйиру иловаҳо ворид намуда буд. Мутобиқи тағйироту иловаҳо ба Кодекси мазкур м. $59^2$ илова карда шуда буд, ки дар он яке аз

вазифаҳои мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура ва суд андешидани чораҳои амниятӣ нисбат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва шахсони дигар пешбинӣ шуда буд. Мутобиқи моддаи мазкур мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура ва суд вазифадор шуда буданд, ки ҳангоми мавҷуд будани маълумотҳои кифоякунандае, ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар шахсони дар мурофиа иштироккунанда, инчунин ба аъзои оилаи онҳо ё хешони наздикашон бо куштан, ба кор бурдани зӯрӣ, несту нобуд кардани молу мулк ё зарар расондан ба он, ё бо дигар амалиёти ғайриқонунӣ таҳдид мекунанд, барои ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва молу мулки ин шахсон, инчунин барои муқаррар кардани гунаҳкорон ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар давраи ҷанги таҳмилии гражданӣ дар Тоҷикистон, зиёд шудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, шиддат ёфтани ҳолатҳои таҳдиди ҷазодиҳии кормандони додгоҳҳо ва оилаҳои онҳо, оташ задани биноҳои додгоҳҳо зиёд ба содир гашта, Шӯрои Вазирони ҶТ маҷбур мешавад, ки Қарор «Дар бораи муҳофизати биноҳои додгоҳҳои вилоятӣ ва халқӣ»-ро қабул намояд. Мутобиқи Қарори мазкур Вазорати корҳои дохилии ҶТ дар мувофиқа бо Вазорати адлияи ҶТ барои муқаррар кардани постҳои мазкури милиция дар додгоҳҳо шумораи зарурии кормандонро муайян намуда буданд.

Муаллиф зикр менамояд, ки дар солҳои минбаъда ва имрӯз низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати худро баҳри мубориза бар зидди ҷинояткорӣ муназзам пеш мебарад, ки яке аз самтҳои он ҳимояи амнияти шахс, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар Паёму баромадҳои худ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварро ҳидоят менамоянд, ки фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллӣ, таъмини амнияту тартиботи ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшанд ва аз ҳар як корманди ин сохтору мақомот

талаб менамоянд, ки вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланд ва содиқона иҷро намоянд.

Ба андешаи муаллиф, дар Тоҷикистон нисбат ба баъзе намуди маҳдуди ҷиноятҳо, ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, дар маҷмӯъ ҷиноятҳои фаромарзӣ муташаккилият дида шуда, аъзоёни ин гуруҳҳо аз ҳеҷ воситаи таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба хотири пешбурди манфиатҳояшон, рӯ намегардонанд. Аз ин рӯ, давлат нисбат ба таҳдиду хатарҳои мавҷуда бо мақсади таъмини амният ва дастгирии иҷтимоии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои ҷиддии амниятиву иҷтимоиро маҷбур аст, истифода намояд.

Маълум аст, ки нақши нишондоди шоҳиду ҷабрдида дар кушодани ҷиноят зимни мурофиаи ҷиноятӣ ниҳоят муҳим мебошад. Бинобар ин, дар рафти тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд ашхоси алоҳидаи ҷиноятпеша бо мақсади тағйир додани нишондод, ё ин ки тамоман аз он даст кашонидани афроди алоҳида таҳдиду зӯроварӣ карда мешаванд ва ё шахсоне, ки аз ҷиноят ҷабр дидаанд зи тарси ҷинояткорон ё бинобар боварӣ надоштан ба ҳимояи давлатӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд. Оид ба зарурияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танҳо ҳамон вақт метавонанд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор намудани ҷиноят ёрӣ расонанд, ки агар онҳо боварӣ дошта бошанд, ки аз ҷониби давлат ҳаматарафа ҳимоя мегарданд.

Гузашта из ин, муаллиф барои асоснокии мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ рӯ оварда, зикр менамояд, ки мутобиқи м. 5 Конститусияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, кафолати таъмини он ухдадории давлат маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҳифз мегарданд. Бо мақсади ҳамкорӣ, дастгириву тақвияти кори якдигар дар масоили мубориза ба

муқобили ҷинояткории муташаккил ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, аз ҷумла: Созишнома оид ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (2006), Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм (2009), Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай оид ба муқовимат ба экстремизм (2017) ва монанди инҳоро имзо намудааст, ки онҳо ҳимояи амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чун вазифаи тарафҳои Созишнома пешбинӣ намудаанд. Ҳамчунин Ҳукумати ҶТ барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016 ва чандин қарорҳои дигарро баҳри амали намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ қабул намуда, ба иҷро расонида истодааст.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс (м. 12) пешбинӣ шудааст, ки як ҷиҳати он ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Қисми 4-уми моддаи мазкур тартиби танзимгароии муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиаро ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ҳавола намудааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, чораҳои амниятӣ, дастгирии иҷтимоии шахсони номбурда ва тартиби татбиқи онҳоро танзим менамояд. Ҷомеа ва давлат манфиатдори тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ, пурра ва объективона бурдани тафтишот, ки таъмини онҳо бе вуҷуд доштани системаи боэътимоди ҳимояи шахсони мазкур имконнопазир аст, мебошад.

Муҳаққиқ зикр менамояд, ки падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ зарурияти тавсифи маҷмӯавӣ дошта, тадқиқи он муносибати амиқи алоҳида ва васеъро талаб менамояд. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи сиёсӣ-давлатӣ ҳам ҳаст, вале мо онро чун масоили илми мурофиаи ҷиноятӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, умед дорем, ки дар ин ҷода ба дастовардҳои манфиатборе расида бошем.

Муаллифи диссертатсия мубрамияти дигари мавзӯъи тадқиқотии хешро бо он асоснок намудааст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ягона ва мукаммали ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки самараи хуб дошта бошад, ҳанӯз ташаккул наёфтааст ва дар адабиёти ватанӣ масъалаҳои зикршуда ба таври васеъ коркард нашудаанд. Бинобар ин, камчинии рисолаву мақолаҳои илмию назариявии ватанӣ ва амалияи начандон зиёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ тақозо менамояд, ки дар ин мавзӯъ тадқиқоти илмии маҷмӯавӣ гузаронида шавад. Аз он ҷумла, аз лиҳози назарӣ ва қонунгузориву татбиқи он масоили муайян намудани заминаҳои таърихиву ҳуқуқӣ, таъйиноти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳуму моҳият, муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба ҳангоми зарурияти татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ, ба миён меоянд, доираи субъектоне, ки дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ ниёз ба ҳимояи давлатӣ пайдо мекунанд, доираи субъектоне, ки дар амалӣ намудани чораҳо масъуланд, мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо, ниҳоят муҳим арзёбӣ мешаванд.

Ҳолатҳои ишорагардида аз хусуси **мубрамияти мавзӯи тадқиқот** ва аҳаммияти назариявию амалии он барои илми ҳуқуқшиносӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ шаҳодат медиҳанд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ муайян намудани асосҳои назариявӣ, вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ ва муаммову мушкилоти амалӣ гардонидани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, коркарди тарҳу воситаҳои ҳуқуқие мебошад, ки падидаи мазкурро минбаъд мукаммал ва амалияи онро самаранок мегардонанд.

Барои ноил шудан ба мақсад, дар назди мо **вазифаҳои зерин** гузошта шуда буданд:

-муайян намудани заминаҳои таърихии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

-муайян намудани мафҳум, нишонаҳои муҳим ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

-муайян намудани муаммову мушкилоти танзими ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он;

-коркарди таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмили минбаъдаи танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муайян намудани доираи васеи субъектоне, ки чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбати онҳо татбиқ карда мешаванд;

-муайян намудани доираи субъектоне, ки дар амалигардонии ҳимояи давлати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ масъул мебошанд;

-муайян намудани мафҳуми чораҳои ҳимояи давлатӣ ва таснифоти он;

-муайян намудани намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо.

Бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои тадқиқот сохтори диссертатсия муайян гардидааст, ки имконият медиҳад то мафҳум, моҳият ва дигар паҳлуҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, муайян карда шавад.

Натиҷа ва хулосаҳои тадқиқот холигии мавҷударо дар бахши мурофиаи ҷинятӣ комил сохта, барои таъмини амният ва дастгирии иҷтимоии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноӣ ва пешгӯии дурнамои инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоидро фароҳам меоранд. Дар тадқикикоти диссертатсионӣ таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тахлил шудааст.

Ҳамзамон муаллиф субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ҷузъи таркибии мавзӯи дессертатсионии хеш қарор дода, оид ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд ва мақомоти татбиққунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тадқиқот анҷом додааст.

Муҳақиқ дар доираи тадқиқоти илмӣ ба намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ диққати махсус дода, мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ, асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар сатҳи зарурӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқоти гузаронидашудаи олимони ватаниву хориҷӣ асос ёфтааст, ки дар рушди падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ саҳми бузург гузоштаанд.

Тадқиқотчӣ доир ба масъалаҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки дар ин самт тадқиқоти илмӣ бурдаанд, васеъ истифода намудааст, ки муҳтавои онҳо дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ишора гардидаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсияи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» кори илмии баанҷомрасида буда, ба ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 12 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» таҳқиқоти илмӣ-соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар, аз ҷумла 1 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 5 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №8 аз 5-уми марти соли 2020.

**И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**